Ҳумоюн бод истиқлоли тоҷик!

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 7 сентябри соли 2020 — № 8-9 (123-124)

**Ҷаҳони пурталотуми имрӯза мардуми сайёраро ба мушкилоту тазодҳои зиёди хеле сангин рӯбарӯ намудааст, ки хатарноктарини онҳо терроризми байналмилалӣ, радикализму экстремизми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ мебошад.**

**Дар чунин шароит устодону омӯзгорон, падару модарон, аҳли зиё ва шахсони обрӯманду таҷрибадор вазифадоранд, ки наврасону ҷавононро барои омӯхтани илму дониш, азхудкунии касбу ҳунар, самимона дӯст доштани Ватан, давлати соҳибистиқлоли худ ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ роҳнамоиву тарбия намоянд.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

**11 – УМИ ОКТЯБР – РӮЗИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ИНТИХОБОТ-МУАЙЯНКУНАНДАИ РУШДИ ОЯНДАИ ҶОМЕА

Яке аз ниҳодҳои асосии ҷомеаи демократӣ ин интихобот ба ҳисоб меравад, ки тибқи он тамоми мардум махсусан шаҳрвандони кишвар новобаста аз ҷинсият ва қавмият нафарони аз 18 сола боло, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд дар интихобот ширкат варзида, ба тарафдории номзади арзандаи хеш раъй медиҳанд. Мардумсолорӣ, ки решаҳои таърихӣ дорад, ҳанӯз аз фарҳанги юнони бостон маншаъ гирифта, дар замони нав яке аз муҳимтарин ва беҳтарин шакли идоракунии сиёсии ҷомеа гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолият демократикунонии ҳаёти ҷомеа боз ҳам тақвият ёфт ва бо ташаккул ёфтани ниҳоди идоракунии Президентӣ ва ҷорӣ шудани он дар кишвар солҳои 90-уми қарни гузашта аввалин интихоботҳое, ки ба тарзи алтернативӣ номзадҳо ба курсии Раисҷумҳур пешниҳод шуда буданд, аз тарафи мардум пазируфта шуданд. Ҳамин тавр, ба тариқи раъйпурсӣ қабул шудани конститутсия, тағйиру иловаҳо бар он ва интихобот ва раъйпурсии парлумонӣ ба маротиб такрор шуда, дар чорчӯбаи қонунгузорӣ ва қонунҳои байналмилалӣ баргузор гардидаанд.

Мусаллам аст, ки ҳар ниҳоди иҷтимоӣ дар ҷомеа зина ба зина ташаккул ёфта, татбиқи он боз ҳам дар зинаҳои болотар ба роҳ монда мешавад ва меъёрҳо ва шаффофияти он такмил меёбад. Дар Тоҷикистон низ тайи солиёни истиқлолият интихобот ва раъйпурсӣ зина ба зина такмил ёфта он ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда истодааст. Дар ҳар давраи интихоботӣ комиссияи марказии интихоботии ҷумҳурӣ бо назардошти ниҳодҳои созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва меъёрҳои қонунгузории кишвар раванди интихоботро муайян месозад.

Тайи солҳои истиқлолият дар ҷумҳурӣ бо назардошти меъёрҳои давлати демократию дунявӣ ҳизбҳои гуногун, ки ҳар кадоме дорои барномаву оинномаи хеш аст, вориди майдони сиёсӣ гардида, барои расидан ба ҳадафҳои худ бо роҳи мусолиматомез мубориза мебаранд. Имрӯз дар Тоҷикистон плюрализми ақидатӣ ҷой дошта ҳизбҳои гуногун амал менамоянд, ки ҳар яке барномаи хешро дошта, ҷиҳати расидан ба ҳокимияти сиёсӣ аз роҳҳои мухталиф истифода менамоянд.

Айни ҳол, кишвар дар пешорӯи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар он ҳизбҳои сиёсии кишвар ва созмонҳои иҷтимоӣ вориди корзори интихоботӣ гардида, намояндагони хешро пешниҳод намуда истодаанд. Ҳоло дар сар то сари ҷумҳурӣ ҳавзаҳои интихоботӣ таъсис ёфта, фаъолияти густурдаи хешро ба роҳ мондаанд.

Ҳамчунин баҳсҳои байни намояндагони ҳизбҳои гуногун сурат гирифта барои ҳамаи номзадҳо шароити яксела ҷиҳати таблиғи барномаи пешазинтихоботи фароҳам оварда шудааст ва онҳо имкон доранд, аз рӯи меъёри мукаррарнамудаи қонун тавассути расонаҳо, аз ҷумла радиову телевизион, рӯзномаҳо, инчунин аз тариқи сомонаҳои интернетӣ таблиғи барномаи пешазинтихоботии хешро ба роҳ монанд. Ҳамчунин ҳамарӯза тавассути шабакаҳои телевизионӣ тартиби баргузории интихобот, меъёрҳои он ҷиҳати фаҳмондадиҳӣ ва ба қонуншиканӣ роҳ надодан аз тарафи мутахассисон ва ҳуқуқшиносон доир карда мешавад, ки ин имкон медиҳад, сатҳи худшиносии ҳуқуқии мардуми кишвар боло бурда шавад. Онҳо дар равандҳои сиёсӣ фаъолона ширкат намоянд ва ба ҷонибдории номзади арзандаи хеш ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раъй диҳанд.



Ҳоло дар саросари кишвар ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ таъсис дода шудаанд, ки ҳамарӯза дар онҳо комиссияи интихоботӣ амал намуда омодагии хешро барои баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таъмин намуданд. То ба имрӯз барои ҳамаи номзадҳо имкониятҳои якхелаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, ҳеҷ гуна табъизи ҳуқуқию сиёсӣ ҷой надорад.

Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунҳои байналхалқӣ омодааст нозиронро аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҷиҳати назорати шаффофияти интихобот пазирой намояд.

Аз ҳама муҳим рӯҳияи мардуми кишвар рӯҳияи мусбатгароёна аст ва онҳо дар саросари кишвар ба ин раванди муҳими сиёсӣ ки 7 соли дигар кадом номзад дар сари қудрат буданро муайян месозад, бетараф нестанд. Онҳо хуб медонанд, ки сарнавишти ояндаи кишвар аз интихоби огоҳонаи онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳама талош меварзанд, то дар воҳӯрии номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзида, барномаҳои онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, суолҳо ва мушкилоти хешро ба онҳо дар миён гузоранд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки мардуми кишвар сатҳи баланди худшиносии ҳуқуқиву сиёсиро доранд ва барои сарнавишти ояндаи кишвар бетараф нестанд.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ДОНИШ

Дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола Рӯзи дониш ҳамчун санаи муҳим таҷлил карда мешавад, ки ин шаҳодат аз таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат ба аҳли илму маориф мебошад.

Соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Рӯзи дониш»-ро бо дарси сулҳ зимни ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 102-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе гузарониданд. Аҳли илму маориф, аз ҷумла ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон суханронии Пешвои муаззами миллатро аз тариқи шабакаҳои телевизионӣ дастаҷамъона бо риояи қоидаҳои беҳдошти саломатӣ, аз ҷумла риояи фосилаи иҷтимоӣ, доштани ниқобҳои тиббӣ ва безараргардонӣ бо маҳлули антисептикӣ тамошо намуданд.

Пас аз тамошои суханронии Пешвои миллат дар саҳни донишгоҳ "Рӯзи Дониш" таҷлил гардид.

Дар чорабинии мазкур муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон




Азим Иброҳим иштирок ва суханронӣ намуда, соли нави таҳсилро ба кулли омӯзгорону донишҷӯён муборакбод гуфт ва донишҷӯёнро ба омӯхтани илму дониш, бахусус, фанҳои дақиқ ва ихтироъкориву навоварӣ даъват намуд. Ҳамзамон баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро ҳадафи асосии Ҳукумати кишвар арзёбӣ намуд.

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳои Темур зимни суханронӣ меҳмонон ва омӯзгорону донишҷӯёнро бо оғози соли нави таҳсил шодбош гуфта, барояшон барору комёбӣ таманно намуданд.

Дар фарҷоми ҷамъомад муовини сарвазири мамлакат Азим Иброҳим ба чанде аз омӯзгорони донишгоҳ нишонҳои "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон" ва ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро супорида, ба эшон сиҳатмандӣ ва ҷиҳати пешбурди муваффақонаи соҳаи таълиму тарбия комёбӣ орзу намуд.

Дар ҷамъомад донишҷӯёни зинаи аввали таҳсил аз номи кулли донишҷӯёни курси якум савганди тантанавӣ ёд намуда, иброз доштанд, ки баҳри рушди истеъдоду малака, сайқал додани савияи дониш, омӯзиши ихтисос, баландбардории шаъну шарафи донишгоҳ ва эҳтироми ҳайати кормандону омӯзгорон ҷаҳду талош меварзанд.

Ҷамъомад бо сухани хотимавӣ ва таманниёти неки ректори донишгоҳ, Амонзода Илҳом Темур ба анҷом расид.

М. **ШЕРОВ,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

# ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ 29- УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Аввалан, ҳамаи Шуморо ба бузургтарин ва муқаддастарин ҷашн – Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон, ки баъди чанд рӯз дар саросари мамлакат ва берун аз он таҷлил мегардад, самимона шодбош мегӯям.

Дар ҳақиқат, Истиқлолият неъмати бебаҳо буда, рушди бемайлони тамоми соҳаҳо ва ободию осоиштагии кишвар аз он вобастагӣ дорад. Шоир беҳуда нагуфтааст:

**Ҳар ғунчаи гул шукуфаи иқбол аст,**
**Озодии мулк зи файзи истиқлол аст.**

Мардуми шарифу сарбаланди тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ меваҳои шаҳдбори онро чашидааст ва имрӯз низ баҳри гулгулшукуфӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият сидқан заҳмат кашида, баҳри афзун гардондани комёбиҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Хурсандибахш аст, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифи кишвар низ чун дигар соҳаҳо пеш рафт ва дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст омаданд.

Давлату Ҳукумати мамлакат, алалхусус Пешвои муаззами миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маорифро самти афзалиятнок эълон намудаанд, нисбати соҳа ва кормандони он пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунанд.

Маҳз ба шарофати истиқлолият дар мамлакат дар баробари дигар пешравиҳо шаклҳои нави таълимӣ ҷорӣ гардида, пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ рӯз ба рӯз пурқувват шуда, технологияҳои муосир ба низоми таҳсилот пурра ворид гардидаанд, ки ин ҳама ба сатҳу сифати таълим таъсири мусбат расонда истодааст.

Тавре Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронияшон дар Рӯзи дониш иброз доштанд: "Мо дар замони Истиқлоли давлатӣ шаклҳои нави муассисаҳои таълимиро ҷорӣ карда, дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон 9 мактаби президентӣ бо фарогирии қариб 8 ҳазор хонанда, 75 гимназия барои зиёда аз 53 ҳазор толибилм ва 71 литсей барои 36 ҳазор шогирдон таъсис додем. Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мамлакат ба 75 ва шумораи шогирдони онҳо қариб ба 90 ҳазор нафар расидааст, ки аз онҳо 32 муассиса дар замони истиқлол ба фаъолият шурӯъ кардааст.

Дар ин давра муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 13 ба 40 расидаанд, ки ҳоло дар онҳо беш аз 227 ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда, шумораи хатмкунандагони замони истиқлол беш аз 600 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Инчунин зиёда аз 35 ҳазор нафар ҷавонони мо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафтаи дунё таҳсил карда истодаанд".




**Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Ғамхориҳои пайвастаи давлату Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла аз 1- уми сентябри соли ҷорӣ 15 фоиз зиёд намудани музди меҳнат, нафақа ва стипендия ҳар яки моро водор менамояд, ки баҳри татбиқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус амалӣ гардондани ҳадафи чоруми миллӣ, яъне аз кишвари аграрӣ – саноатӣ ба кишвари саноатӣ – аграрӣ табдил додани Тоҷикистон ва суханрониашон дар Рӯзи дониш дар Муассисаи таҳсилоти умумии рақами 102 – и шаҳри Душанбе сидқан заҳмат кашида, кӯшишу ғайратамонро баҳри тайёр намудани мутахассисони воқеан ҳам рақобатпазири бозори меҳнат равона созем.

Мо бояд ба қадри Истиқлолият расем, шукрона кунем ва аз Истиқлолияти давлатии хеш чун бахти безаволи миллат ифтихор дошта бошем.

Бори дигар Шумо ҳамкасбону донишҷӯёни азизро бо рӯзи Истиқлолияти давлатии кишвари биҳиштосоямон табрику таҳният гуфта, бароятон хушбахтӣ ва саодатмандӣ орзу мекунам.

# ШУКРОНА БОЯД КАРД

**Тоҷиконро зи ҷанги нестӣ кардӣ раҳо,**
**Чун мукофоти амал шуд номи**
**некат Пешво.**

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар арафаи ҷашнгирии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳар як фарди худогоҳу худшинос ва бонангу номусро зарур аст, ки дар баробари заҳмати самаранок ба хотири пешрафту тараққиёти кишвар, инчунин, ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ ҳамроҳ шуда, беш аз пеш дар ободу хуррамгардонии сарзамини аҷдодии хеш саҳмгузор бошанд.

9- уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолият ба даст овард. Аммо мутаассифона, дар кишвар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар зад. Моҳи майи соли 1991 задухӯрди байни ду қувваи бо ҳам зид оғоз ёфт ва аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳазорҳо манзили зист ва бинои корхонаву муассисаҳо валонгор гардиданд. Дар чунин шабу рӯз раҳми Парвардигори мо омад ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагӣ барои миллати тоҷик, абармарде сари қудрат омад, ки миллатро аз парокандашавӣ ва давлатро аз нестшавӣ наҷот дод. Ин марди шариф, ки дили бузургу бекина дорад, ба савгандаш содиқ монда, гурезаҳои иҷбориро ба Ватан баргардонд.

Шоири маҳбуби тоҷик Бозор Собир аз Амрико бо даъвати Президенти кишвар ба Ватан баргашт. Адиби кӯҳансол об дар чашм мегуфт: "Аз дасти Президент нишон гирифта, дигар аз ҷаҳон бе нишон нахоҳам рафт". Истиқлолияти давлатӣ барои мо имкон дод, ки ба забон, таърих ва фарҳанги ниёгони худ арҷ гузорем ва ба он аҳамияти аввалиндараҷа диҳем.

Дар даврони истиқлолият ба насли наврас ва ҷавонон аз ҷонибӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат Президенти мамлакат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, зеро ҷавонон ояндаи миллат ва бақои давлат мебошанд.

Ва мо ҷавонон бояд дар ҷавоб ба ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои муаззами миллат ташаббускор бошем, тамоми кӯшишу ғайрат, донишу малака ва қобилияти худро ба хотири баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона намоем. Мо ҷавонон бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватану соҳибдавлатӣ шукрона кунем



**Назризода Собирҷон,**
**донишҷӯи курси 2 – юми ихтисоси молия ва қарз.**

Конференсияи илмӣ – амалӣ

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

Бо ташаббуси Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар толори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ – амалӣ тахти унвони «Сиёсати давлатии ҷавонон: ҳолат ва дурнамо» доир гардид, ки дар он намояндагон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе ва олимону муҳаққиқони ҷавон, аз ҷумла ҳайати олимону ҷавонони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар қисмати расмии кори конференсия муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ризо Назарзода, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Шоҳзод Раҳимзода ва намояндагони сохторҳои дахлдор суханронӣ карданд.



Дар қисматҳои дигар ҷавонони фаъол ва олимону муҳаққиқони ҷавон, роҳбарони сохторҳои соҳаи кор бо ҷавонон дар муассисаҳои олии таълимӣ вобаста ба мавзӯъҳои “Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва нақши он дар сарҷамъиву муттаҳидии ҷавонон”, “Нақши занону духтарон дар тарғиби арзишҳои миллӣ”, “Сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити соҳибистиқлолии кишвар”, “Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар соҳаи маорифи пойтахт”, “Дастгирии давлатии ҷавонон дар меҳвари сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои миллат”, «Ҷавонон ва давлатдории миллии тоҷикон дар шароити муосир», «Ҷавонон ва саҳми онҳо дар татбиқи маданияти шаҳрнишинии сокинони пойтахт», «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи ятимону маъюбон», «Нақши ҷавонон дар раванди ҷаҳонишавӣ» ва “Таваҷҷуҳ ба ҷавонон муҳимтарин омили пешрафти ҷомеа, бомаром намуда, андешаҳояшонро доир ба мавзӯъҳои зикргардида баён карданд.



**Х. ТУРОНШОЕВ,**
**мудири шуъбаи тарғиботиву фарҳангӣ**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ АРЗИШМАНДТАРИН НЕЪМАТ АСТ

Истиқлолият яке аз дастовардҳои пурарзиштарин ва волотарини давлату миллати тоҷик аст, ки моҳи сентябри соли 1991 ба вуқӯъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Шурӯъ аз ҳамон вақт ин санаи таърихӣ бахри ҳар як фарди бедордили мардуми кишвар санаи таърихӣ махсуб меёбад.

Ин неъмати бузург ободию озодӣ, нуру зиё ва оромию осоиштагии мардуми шарифи тоҷикистонро бештар намуд ва обрӯю нуфузи кишварро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт.

Боиси зикр аст, ки дар даврони Истиқлолият давлати ҷавони тоҷикон дар байни мамлакатҳои аҳолияш мусалмон ва умуман ҷомеаи ҷаҳони муосир мавқеъ ва манзалати хос пайдо намуд. Суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомадҳои бузурги байналхалқии давлатҳои аъзои Конфронси исломӣ, тарафдории шахсии раисҷумҳури мо аз покизагии дини мубини ислом ва зарбаи сахт задани ӯ ба даъвогарони ҳамбастагии дини ислом бо терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мамлакатҳои гуногуни олами ислом аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи давлатҳои озоду ободест, ки дар он баробари расму оини миллию мардумӣ анъанаҳо ва маросимҳои динӣ риоя мегарданд.

Истиқлолият дар баробари дигар муқаддасоти миллӣ мақом ва манзалати хоса дорад. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон соҳибистиқлол эълон гашта, тавонист бо суръат рушду нумӯъ ёбад. Имрӯз хушҳолем, ки дар фазои сулҳу амонӣ зиндагӣ ва кору фаъолият карда истодаем. Дар даврони истиқлолият кишвари азизи мо тавонист, ки ба пешравиҳои зиёд ноил гардад. Дар ин давра як қатор иншоотҳои муҳиму тақдирсоз сохта ба истифода дода шуданд. Аз қабили нақбҳои “Истиқлол”, “Хатлон”, “Шаҳристон”, шоҳроҳҳои Душанбе-Айнӣ-Бӯстон-Чанок, Кӯлоб-Дарвоз, Хоруғ-Кулма ва сохта шудани даҳҳо неругоҳҳои барқи обӣ. Дар даврони истиқлолият махсусан сиёсати бевоситаи давлат ба ҷавонон нигаронида шудааст. Аз ҷониби Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон пайваста ғамхорӣ зоҳир карда мешавад. Сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар баробари дигар самтҳо рушд ёфт, ки имрӯз бо бисёре аз кишварҳои хориҷа муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда шуда, ҳамкориҳо дар ҳама самт фаъол мебошад, ки ин ҳама маҳз аз файзу баракат ва пайки истиқлолият мебошад.

Умедворем, ки кишвари азизамон минбаъд низ дар фазои сулҳу оромӣ ба дастовардҳои боз ҳам бузургтар ноил гашта, миёни давлатҳои пешрафта мақоми сазоворро ишғол мекунад. Мо бояд дар ин давраи басо мушкили ҷаҳонишавӣ зиракию ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, муҳофизи ин неъмати бебаҳо бошем.

**Зафарҷони Исломуддин,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25010410А1**




# ФЕСТИВАЛИ ДӮСТИИ ҶАВОНОНУ ВАРЗИШГАРОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ТАҲТИ УНВОНИ “ЗЕБОӢ, ДОНОӢ ВА ТАВОНОӢ АЗ ВАРЗИШ АСТ”

Бо ибтикори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе 27-уми августи соли 2020 дар толори Кохи Афсарон «Фестивали дӯстии ҷавонону варзишгарони шаҳри Душанбе”, таҳти унвони “Зебоӣ, доноӣ ва тавоноӣ аз варзиш аст!» баргузор гардид.

Фестивал бо банамоиш гузоштани дастовардҳои соҳаи варзиши пойтахт аз ҳисоби машқварзони муассисаҳои варзишӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷу литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз ёфт. Дар кори фестивал муовини Раиси шаҳри Душанбе Муинӣ Мавсума Муинзода, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Латофат Назирӣ, муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ризо Шодӣ, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Шоҳзод Раҳимзода иштирок доштанд.

Фестивали аз 27-уми август то 15 – уми сентябр дар заминаи тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ, миёнаи касбӣ, ибтидоии касбӣ, қисмҳои ҳарбию низомӣ ва маҳаллаҳои ҳудуди шаҳри Душанбе баргузор карда мешавад.

Фестивал аз чор қисмат иборат буда, қисмати аввали онро маросими ифтитоҳӣ, қисмати дуюму сеюмро сексияҳои варзишӣ аз рӯйи намудҳои футболи хурд байни писарон, волейбол байни духтарон, шоҳмот ва гӯштини миллӣ дар ду марҳила, марҳилаи интихобии 1-ум дар заминаи ташкилоту муассисаҳои таҳсилотӣ ва марҳилаи интихобии 2-юм дар сатҳи шаҳр, инчунин даври чоруми фестивалро маросими ҷамъбастӣ бо ташкили барномаи рангини фарҳангию ҷоизасупории дастаҳои ғолиб ташкил медиҳад. Ғолибони мусобиқаҳои варзишии марҳилаи 2-юм дар ҷамъбасти Фестивал 15 сентябри соли 2020, ки дар толори Филармонияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев баргузор мегардад, бо сарпарастии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе бо Диплом, медал ва ҷом сарфароз гардонида мешаванд.

**Саидзода Беҳрӯз,**
**донишҷӯи курси 4 ихтисоси 1-25011024**

# ВОХӮРӢ БО ДОНИШҶӮЁНИ ДАР ХОБГОҲ ИСТИҚОМАТКУНАНДА

25-уми августи соли ҷорӣ дар доираи Нақша-чорабиниҳои сохтори корҳои тарбиявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар саҳни хобгоҳи донишгоҳ вохӯрӣ бо донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматкунанда баргузор гардид, ки дар он муовини ректор оид ба тарбия Юсупова З.Р., мудири шуъбаи ташкилотиву тарбиявӣ Хусенов Н.Б., мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш Шеров М.Н., мудири бахши кор бо занон ва духтарон Комилова Н.Р., мудири шуъбаи тарғиботиву фарҳангӣ Туроншоев Х., Сардори хадамоти бехатарии донишгоҳ Мирзоев А., ҳайати кормандони шуъбаҳо ва муовинони декан оид ба тарбия ширкат варзиданд.



Нахуст, Заррина Юсупова аз ғамхориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон, дастгириҳои Ҳукумати мамлакат ва Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ёдовар шуда, дар бораи омодагӣ ба маъракаи муҳими сиёсӣ – Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафтору кирдори истиқоматкунандагон, пешгирии бемориҳои сироятӣ, бахусус пандемияи COVID-19, терроризм ва экстремизм ва роҳ надодан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ибрози андеша намуданд.

Н. Ҳусенов ва М. Шеров оид ба одобу рафтор, кирдору ахлоқи истиқоматкунандагон, нақши ҷавонон дар пешбурди сиёсати давлатӣ ва муҳаррики пешбарандаи давлату Ҳукумат будан, шомилнашавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ва Стратегияи миллии муборизa бар зидди экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 суханронӣ намуда, донишҷӯёнро ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, мутолиаи китобҳо, саҳм гузоштан дар пешрафту ободии кишвар даъват намуданд.

**Ёсуман МӮСОЕВА,**
**магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-40010101**

## КОРОНАВИРУС ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

**Шурӯъ аз соли 1950 ҳамасола дар саросари ҷаҳон бо ташаббуси Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (СУТ) 7 апрел Рӯзи умумиҷаҳонии саломатӣ таҷлил карда мешавад. Мақсад аз таҷлили ин рӯз тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, бардам нигоҳ доштани худ ва аҳли ҷомеа мебошад. Махсусан дар шароити имрӯзае, ки аҳолии сайёраро раванди соат ба соати гирифторшавӣ ба вабои аср - коронавирус сахт нигарон кардааст.**

То ин замон дар ҷаҳон зиёда аз 40 намуди коронавирус ошкор ва мавриди омӯзиши олимон қарор гирифтааст. Фарқияти вируси нави COVID-19 аз дигар вирусҳои ҳамноми худ он аст, ки хусусияти мутатсионӣ дошта, дар давраи ҳаёти пинҳонӣ дар бадани шахси сироятёфта ҳамчун манбаи сироят қобилияти сироят намудани дигар шахсро дорад. Илми ҷаҳонӣ исбот намудааст, ки бештар нафарони синнашон аз 60 боло зери хатари сироятёбӣ аз COVID-19 қарор гирифтаанд. Ин ба паст будани иммунитети бадани онҳо вобаста аст, ки бо ҳар гуна вирус мубориза бурда наметавонад. Зеро тибқи баҳогузориҳои байналмилалӣ, дар минтақаҳои ташаккули паҳни вирус шахсони синнашон аз 60 боло хеле зиёд мебошанд. Одатан иммунитети бадани ин гуна одамон суст шуда, бемориро сахт паси сар мекунанд, ё ба он тоб оварда наметавонанд.

Истеъмоли ғизои солим ва аз лиҳози экологӣ тоза метавонад масунияти бадани инсонро баланд бардошта, ӯро аз гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла, коронавирус то андозае эмин нигоҳ дорад. Бинобар ин, аз тановули хӯрокҳои серравған, ширин ва хунук бояд парҳез намуд ва истироҳати мӯътадилу тарбияи ҷисмонии баданро зиёд иҷро кард.

Зимни табобати беморони гирифтори коронавирус маълум шудааст, ки 80 фоизи беморӣ дар шакли сабук ё миёна ва қисман бе ягон нишонаи беморӣ зоҳир мешавад. Танҳо дар 20 фоизи одамон беморӣ дар шакли вазнин ҷараён мегирад. Аз ин рӯ, ҳаряки моро зарур аст, ки ба хотири ҳифзи саломатии худ ва атрофиён қоидаҳои беҳдоштиро қатъӣ риоя намоем.

## 4 – УМИ СЕНТЯБР – РӮЗИ КИТОБ

# МАНБАИ ДОНИШ

Истиқлолияти Тоҷикистон барои рушду нумуи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард. Ин буд, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар радифи самтҳои гуногуни илму маърифат ба соҳаи китобдорӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, сохта ба истифода додани китобхонаҳои наву замонавии муҷаҳҳаз бо технологияи муосири иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ яке аз дастовардҳои муҳими соҳаи китобдорӣ дар давраони соҳибистиқлолии кишвар ба шумор меравад. Ҳамзамон, Амри Пешвои миллат доир ба баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ...» миёни тамоми кишрҳои ҷомеа далели равшани гуфтаҳои болост.



Тӯли 12 сол мешавад, ки дар кишвари азизамон 4-уми сентябр ҳамчун «Рӯзи китоб» таҷлил мегардад ва доир ба ин рӯз аз ҷониби китобхонаи илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чорабиниҳо доир карда мешавад. Дар ҳафтаи аввали моҳи сентябр рост омадани ҷашнҳои «Рӯзи китоб», «Рӯзи Истиқлолият» басо рамзист. Миллати тоҷик дар такя бо китоб илму дониш азбар намуда, ба истиқлолияти комил расидааст. Маҳз ба тавассути осори гаронбаҳои гузаштагонамон, ки дар китобхонаҳо маҳфузанд, имрӯзиёну наслҳои оянда ҷаҳони маънавии худро ғанӣ мегардонанд.

Таҷлили Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Рӯзи китоб» - ро бароятон муборакбод мегӯем!

**Абдумуминзода Ситора,**
**мудири китобхонаи илмии ДТТ**

# ЗИ ДОНИШ ЗИНДА МОНӢ ҶОВИДОНӢ

Дар ҳақиқат дониш чароғи ақл, қуввати дил, дорویи сарват ва чавшани бузургест, ки касро аз ҳама гуна ранҷу азоб кулфату дард ва афсурдагиву эҳтиёҷ дур месозад. Дониш барои инсон мояи манбаи фазлу камол буда, инсонро бузургдил мегардонад. Шахси донишманд дар ягон давру замон ба душвориҳо рӯ ба рӯ намешавад, зеро дониши бузургаш ӯро бо роҳи росту самарабахш раҳнамун месозад. Тавассути ақлу заковати бузургу хиради бо роҳи дониш бадастовардааш метавонад соҳибкору соҳибмаълумот ва соҳибиззат бигардад.

Донишмандон азизу гиромӣ ва хотирнишинанд. Дар ёдҳо, базмҳо, дар ҳамаи мавридҳо дар дилу дидаи мардуманд. Ба даст овардани донишу маҳорати бузург ба осонӣ ба даст намеояд. Шахсе, ки дар роҳи донишомӯзӣ мекӯшад, гарчанде душвор аст, бо тамоми душвориҳо, норасоиҳо ва заҳматҳои зиёд саъй мекунад, ки чизе омӯзад, то донишманд гардад, зеро шахси донишманд соҳибобрӯст. Дониш ганҷи бузургест, ки баробари дунё арзиш дорад:

**Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?**
**Киро ганҷи дониш бувад подшост!**

Ҳеҷ ганҷе бузургвортар аз дониш нест. Зеро ки он инсонро чун чавшани бузург аз камиву костӣ, гармиву сардӣ ва афсурдагиву эҳтиёҷ эмин медорад. Пас, бисёр кӯшиш мебояд, то ҳар вақт омӯхт. Агар манбаи омӯзишие пайдо нашуд, аз нодон метавон чизе омӯхт ва бо чашми дил ба ӯ нигарист ва бо басорати ақл бар вай назар кард. Он низ афзоиши дониши ту хоҳад буд. Бо омӯхтани алфози наве, бо омӯхтани маънии дигаре барои кас ҷаҳони дигаре равшан мегардад. Як маънии бузург ҳаёти инсониятро тағйир медиҳад, бо роҳи рост ҳидоят мекунад.

Инсони асил пайваста дар омӯхтани илму андӯхтани донишу фазл мекӯшад. Фурсатро ғанимат шумурда, бо гузашти вақт дониши худро сайқал медиҳад. Аз пайи ҷамъ овардани молу мулк ба сарвати зиёд намекӯшад. Зеро дар зиндагӣ бояд ҳамеша илму дониш ва хирад дар пояи аввал истад. Дар он мебояд кӯшид, ки ҳар рӯзи ҳаётро пайи зиёд кардани ақлу заковати бузург сарф кард.

Афзудани дониш касро пурдону пурмаърифат, кордону нуктафаҳм мегардонад. Мегӯянд, ки хираду дониш барои инсони бомаърифат ҳамчу ғизо неру мебахшад. Шахсе, ки дорои хираду дониши бузург нест, ӯ ҳамчун шахсияти аз ғизо дурмонда мекаловад ва дар байни ҷомеа чун ангуштнамоён ба назари ҳар фард мерасад. Зиёд намудани дониши ҳар як инсон ба ҳадди омӯзиши ӯ вобастагӣ дорад. Зеро мегӯянд, ки:

**Илм чандон ки бештар хонӣ,**
**Чун амал дар ту нест нодонӣ.**

Донишомӯзӣ ва толибилмӣ рисолатҳои бузурги инсонианд. Касе, ки ин рисолатро ба ҷо намеорад, дар шумори одамиён буда наметавонад ва бевосита дар таънаву маломати атрофиён мемонад. Вале шахсияти донишмандро ҳама эътироф ва эҳтиром мекунад. Агар ба марги аблаҳон танҳо фарзандонашон бигирянд, ба марги алломаҳо ҷаҳон мегиряд, зеро бо заковату дониши бузургашон дили ҷаҳониёнро ба даст овардаанд. Барои омӯхтани донишу маърифати зиёд бисёртар бояд китоб хонд, зеро манбаи ҳамаи омӯзишу донишҳо аз китоб сарчашма мегирад.

**Рӯй овар бар китобу дониш**
**аз он саҳл гир,**
**То ба дониш гардӣ машҳури**
**ҷаҳону дилпазир.**

Бале, дониш чароғи ақл аст, ки дидагон аз он равшаниву нур ва дилҳо хушиву сурур мегиранд. Шахси донишманд зинатгарои ҳар анҷуман аст. Агар аз хурдӣ то дами марг барои омӯхтани илму андӯхтани дониш камар бандем, саҳве нахоҳад шуд, зеро асоситарин ва беҳтарин амал дар зиндагии инсони асил илм омӯхтан аст. Зеро гуфтаанд:

**Зи дониш зинда монӣ ҷовидонӣ,**
**Зи нодонӣ наёбӣ зиндагонӣ.**

# ТАҲСИЛОТИ ДУХТАРОН ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ОНҲО ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ



Таҳсили духтарон, муҳимтарин пайкор, рисолат, талош барои идомаи зиндагӣ ва беҳбуд бахшидан ба ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар ҳама давраҳою асрҳое, ки ба зан-модар арҷ гузоштаанд занону ҳоҳарони донишманд ва ҳунарманд мақому мартабаи волоеро соҳиб гардида, машъалафрӯзони замони худ будаанд.

Ба таърихи гузашта агар назар намоем занону модарони тадрисдошта ва огоҳ ба фарзандону наберагон ва атрофиён саводу дониши худро меомӯзонданду аз баракаташон олами маънавӣ ва иқтисодӣ тағийр меёфт ва зиндагӣ ранги дигар мегирифт.

Бояд зикр кард, ки аз худ намудани илму маърифат, интихоби касби дӯстдошт барои духтарон хеле муҳим, ҳалкунанда ва инъикоскунадаи чеҳра ва мақоми онҳо мебошад, чунки духтарон тарбиятгар ва ба вуҷудоварандаи насли босаводи оянда низ ҳастанд.

Аз ин рӯ, таҳсил ва аз бар кардани савод ва касбу ҳунар василаест барои расидан ба мақсади ниҳоӣ ва соҳиб шудани маърифати волои инсонӣ, ки он сарчашмаи ҳамаи комёбиҳо мебошад

Мусаллам аст, ки зани босавод, хоҳари босавод, духтари босавод ҷомеаро босавод намуда, ба ин васила рушди онро таъмин менамояд, бинобарин барои ҳаматарафа омода кардани хоҳарони босавод ва кадрҳои ихтисосманд аз ҳисоби духтарон дар баробари илмҳои гуманитарӣ, илмҳои дақиқ, ба хусус, ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ феълан зарурати бештаре пайдо кардааст, чунки бе надонистани техникаю технологияи нав, дигар ҳолати баъдинаро ҳатто тассавур карда намешавад.

Бояд қайд кард, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба мақоми зан дар ҷомеа таваҷҷуҳи бештаре сурат гирифт, ки ин бесабаб нест. Зеро 52 %-и аҳолии кишварро занон ташкил медиҳанд ва мустаҳкамии минбаъдаи соҳибихтиёрӣ ва рушди ҷомеа марбут ба ширкати фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Барои баланд бардоштани мақоми занону хоҳарон тамоми қонунҳо ва санадҳои ҳимоявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои баробари мардону занонро кафолат дода, иштироки фаъоли занонро дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, ва фарҳангии кишвар таъмин мекунад.

Барои ҷалб намудани духтарон ба ихтисосҳои техникӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон имсол аз рӯи барномаи лоиҳавии Бонки ҷаҳонӣ ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи "Таҳсилоти духтарон ва ракобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат" иқдомеро рӯи даст гирифтааст, то сафи духтарон дар ихтисосҳои техникӣ зиёд гардад.

**Дар бораи лоиҳа.** Ҳадафи асосии лоиҳа баланд бардоштани сатҳи қабули духтарон ба таҳсилоти техникӣ, фароҳам овардани шароит барои мутобиқшавӣ ва истиқомати онҳо дар хобгоҳ, тавсеаи имкониятҳои рушди касбӣ ва инчунин, шуғли ояндаи онҳо дар бозори меҳнат мебошад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки яке аз вазифаҳои муҳими Стратегияи рушди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 фароҳам овардани ҳавасмандӣ ва шароит барои идомаи таҳсили духтарон ва гирифтани маълумоти олии касбӣ мебошад. Дар асоси ин, ин лоиҳа ба ҷалби духтарон ба таҳсилоти олӣ, хусусан дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ тавассути зиёд кардани ҳавасмандӣ ва тавсеаи имконот ва шароити таҳсилоти олӣ ва ба шуғли минбаъда равона шудааст.

**Ҷузъҳои асосии лоиҳа инҳоянд:** таъсиси механизмҳои ҷалби духтарон ба ДТТ; фароҳам овардани шароит барои мутобиқгардонии донишҷӯдухтарон ва истиқомати онҳо дар хобгоҳ; бехтар кардани сатҳи касбии донишҷӯдухтарон барои тавсеаи имкониятҳои корӣ.

**Мушкилоти асосӣ (далел):** Мушкилоти асосие, ки лоиҳа пеш меорад, ин сатҳи пасти ҷалби духтарон, бахусус аз манотиқи деҳот ва кӯҳистони ҷумҳурӣ ба ихтисосҳои техникӣ ва технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад. Тавре ки таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ҳоло дар ДТТ 5100 нафар донишҷӯ таҳсил мекунад, ки аз онҳо 1410 нафарашон духтарон мебошанд, ки ҳамагӣ 24,4% -ро ташкил медиҳанд ва шумораи онҳо дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ боз ҳам камтар аст. Сабаби асосии ин вазъ асосан бо набудани механизми ҷалби духтарон ба донишгоҳ, фаъолияти сусти маркетингӣ ва таблиғотӣ, инчунин набудани системаи чораҳои ҳавасмандгардонии духтарон барои таҳсилоти олӣ ва шуғли онҳо вобаста аст.

**Компоненти 1. Ташкили механизмҳои ҷалби духтарон ба ин ҷо.** Ҳадафи ин ҷузъ эҷоди механизмҳои ҳавасмандгардонии ҷалби духтарон ба донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ тавассути таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати қабул ва таълим, таҳия ва татбиқи механизми ҷалби духтарон ба донишгоҳ ва ташкили ширкатҳои иттилоотӣ ҷӣ дар ҷумҳуриявӣ ва ҷӣ дар сатҳи минтақавӣ.

**Компоненти 2. Фароҳам овардани шароити зиндагӣ, мутобиқшавӣ ва рушди шахсии донишҷӯён дар хобгоҳ.** Ҳадафи ин қисмат фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ ва ташаккули малакаи иловагӣ барои бехтар кардани имкониятҳои шуғл мебошад. Ин ҷузъ аз тариқи (1) таҳия ва муҷаҳҳаз сохтани ошхонаи ҷамъиятӣ, меҳмонхона ва (2) иттилоот амалӣ карда мешавад.

**Компоненти 3. Баланд бардоштани сатҳи касбии донишҷӯдухтарон барои тавсеаи имкониятҳои шуғл.**

Мақсади ин қисмат ташкил ва гузарондани семинарҳои омӯзишии ҳамаҷониба - тренингҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи касбии духтарон бо мақсади рақобатпазирӣ ва тавсеаи имкониятҳои кор дар бозори меҳнат мебошад. Ин ҷузъ тавассути (1) ташкили курсҳои омӯзишӣ оид ба рушди малакаҳо, (2) омӯзиши гендерӣ ва (3) такмили ихтисос барои шуғл, (4) гузаронидани воҳӯриҳо, машваратҳо, мубоҳисаҳо дар мавзӯъҳои гуногуни иҷтимоӣ ва механизми кор бо корфармоён сурат мегирад.

Дар ибтидо аз рӯи ин лоиҳа гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ ба се марҳила тақсим карда шуд: таҳияи саволнома, ҷамъоварии ҷавобҳо ва таҳлили ҷавобҳои респондентҳо.

Дар навбати аввал 85-нафар донишҷӯдухтар аз курсҳои 1, 2, 3, 4 аз рӯи 14 суоли омодакардашуда пурсида шуданд ва дар навбати дуюм бо 7- суол назари 115-нафар донишҷӯдухтар гирифта шуд.

Ҳамчунин, назарҳои падару модарон ва мактаббачагон низ оид ба ин мавзӯъ гирифта шуд.

Маълум гардид, ки мо дар ин



самтҳо бояд кадом мушкилотро бартараф намоем.

Мушкилоти асосие, ки дар заминаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, фарогирии нокифоя ва сатҳи пасти қабули духтарон ба ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ мебошад. Таҳлили ин ҳолат, яъне ҷалби духтарон ба таҳсилоти олӣ, бахусус дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ нишон медиҳад, ки фарогирии онҳо тақрибан 30% -ро ташкил медиҳад.

1. Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои ба ин касбҳо кам рӯ овардани духтарон, баъзе оилаҳои сунатии мо мебошанд, ки ба бозую қуввати духтарон камтар боварӣ доранд. Онҳоро дар касбҳои техникӣ кам тасаввур менамоянд.

2. Дар баъзе мактабҳои миёнаи умумӣ омӯзонидани фанҳои дақиқ, фанҳои ихтисосҳои техникӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст, то ҳавасмандии духтарон пайдо гардида, ба ин касб зиёдтар шавку рағбат пайдо намоянд.

3. Дар интихоби касб, хусусан дар ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ, бо баъзе стереотипҳо воҳӯрдан мумкин аст. Масалан, зан бояд тамоми умрашро барои тарбияи фарзанд ва нигоҳ доштани муҳити хона бахшад.

4. Бисёр духтарони ҷавон умуман гирифтани маълумоти олиро намехоҳанд ва изҳор доштанд, ки онҳо танҳо вақташонро беҳуда сарф мекунанд, зеро барои нигоҳ доштани хонаи худ, ба шумо лозим нест, ки донишгоҳро хатм кунед.

5. Баъзеи онҳо то ҳол маълумоти олиро «барои намоиш» мегиранд. Бо сабабҳои гуногун аксари духтарон тасаввур намекунанд, ки корҳои маърифатӣ, касбӣ ва хонагӣ метавонанд бидуни зарар ба ягон дарсҳои мазкур бомуваффақият якҷоя карда мешаванд.

6. Стереотипи дигар, ки ба интихоби духтарон ба таври назаррас ба манфиатҳои илмҳои техникӣ мувофиқат намекунад, тақсими касбҳои омӯзгорӣ ба «зан» ва «мард» аст. Онҳо ҷунин тақсимотро дар мактаб ба ёд меоранд, аз ин рӯ, дар сатҳи бошуур, кӯдакон объектҳоро ба он ҷизҳое тақсим мекунанд, ки тавассути ҷинс «карда метавонанд» ва онҳое, ки «наметавонанд».

7. Ба саволи «Чаро шумо ихтисоси техникиро интихоб накардед?» Бисёр духтарон ҷавоб медиҳанд, ки он касби «бонувон нест».

8. Ҳамчунин, эътиборнок набудани ихтисосҳои техникӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла дар байни духтарон;

9. Мавҷуд набудани механизми ҳавасмандкунии духтарон ва падару модарони онҳо барои гирифтани маълумоти олӣ, бахусус дар ихтисосҳои техникӣ;

10. Мушкилоти таълими касбҳои техникӣ дар муқоиса бо соҳаҳои гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо;

11. Пайдоиши мушкилот бо хатми таҳсил дар донишгоҳ ва бо кор таъмин кардани духтарон пас аз издивоҷ;

12. Шароити нокифояи зиндагӣ ва таълими техникии духтарон бо аксарияти донишгоҳҳо.

13. Набудани манфиат аз омӯзиш

14. Дар айни замон, бисёр духтарону занони ҷавони Тоҷикистон ҳангоми ба синни балоғат расидан осебпазир ҳастанд, дар муқоиса бо писарон онҳо маълумоти пурра намегиранд ва мутобиқан, имкониятҳои онҳо барои дарёфт кардани кори музднок хеле маҳдуд мебошад.

15. Мувофиқи тадқиқоти мустақил, духтарон назар ба писарон эҳтимол дорад, ки мактабро тарк кунанд ва таҳсилоти ибтидоии 9-соларо хатм накунанд. Дар бисёр оилаҳо таҳсил ҳуқуқи истиснои мардон ҳисобида мешавад ва духтарон ҳамчун хонашин истифода мешаванд ва ҳатто дар синни хурдсолӣ издивоҷ мекунанд.

**(давом дорад)**

**Мамлакат ҶАЙЧИЕВА,**
**сармутахассиси шуъбаи масоили иҷтимоӣ**
**Фарзона САЛИМОВА,**
**омӯзгори фанни сотсиологияи кафедраи фанҳои гуманитарӣ**
**Бону АШУРОВА,**
**мутахассиси шуъбаи масоили иҷтимоӣ**

# РОҲИ МУАССИРИ МУБОРИЗА БО ТААССУБУ ХУРОФОТ ОГОҲИВУ ХИРАДВАРЗИСТ

**Гоҳо инсон сахт шигифтзада мешавад, ки мо дар кадомин қарн ва кадомин навъи ҷомеа ба сар мебарем, зеро хурофазадагиву таассубандешӣ то ҳаддест, ки ҳеҷ бовар кардан намешавад, ки бо мардум ва ҷомеае ба сар мебарӣ, ки онҳо дар қарни 21 зиндагӣ доранд ва аз ҳамаи дастовардҳо ва фановариҳои илмӣ истифода менамоянд, аммо он қадар таассубзадаву хурофотианд, ки ҳатто таҳаммули одитарин назари илмиро надоранд. Он қадар таассубзадаву хурофотианд, ки гумон мекунанд, ҷуз боварҳояшон дигар ҳақиқате вуҷуд надорад. Ростӣ, чунин вазъ инсонро ба навмедӣ савқ медиҳад ва ба ин андеша меоварад, ки бо ин қадар ҷаҳолату таассуби фарогир ба куҷо хоҳем расид ва дурнамои ин миллат дар баробари пешрафтҳои чашмгири илмии башарӣ чӣ хоҳад шуд?**

Агар заминаи аслии падидоии хурофтро пажӯҳиш намоем, хоҳем дарёфт, ки пояи онро нодонӣ ва эҳсоси тарсу ноамнӣ дар баробари чизҳои ношинохта ташкил медиҳад. Дар тӯли таърихи башар гоҳе, ки инсонҳо натавонистаанд аз роҳи ақлу хирад падидаеро тавзеҳ диҳанд ва ин сабаби номуайяниву маҷҳулӣ ва шикофе дар донистаҳо ё маърифати одамӣ ба вуҷуд омадааст. Онҳо ночор ба хотири оромиши хотири хеш аз роҳи ва василаҳои дар хоби роҳат будану дигаронро мавриди истифода қарор додан ҳастанд, беарзиш хоҳанд шуд. Яъне ба таври дигар, дар ҷомеаи инсонӣ мавридҳои зиёдеанд, ки гурӯҳҳои муайян нодониву вобастагиро тарғиб намуда, худро ҳамадону мовароӣ талаққӣ мекунанд ва бо ин роҳ дар ҳалқаи нодонон аз хеш шахсият месозанд ва ба он хусусиётҳо хосеро интисоб дода ба таври муъҷизаосо пешкаши дигарон мекунанд. Ин гуна ҳолат ва мӯҷиби дармондагии миллат ва мардуми мо дар дарозои таърих то ба ҳоланд. Он ҷо ки нодониву ҷаҳолат ва таассуб аст, нотавонӣ ва фақру гуруснагӣ ва муҳтоҷ будани мардум ба бурдаи нон кори маъмулӣ хоҳад буд. Нодон дар худ эҳсоси нотавонӣ ва ноумедӣ дорад. Аз ин ки боястӣ ба неруҳои инсонии хеш такя намояд ва мушкилро ҳал намояд, рӯ ба сӯи неруҳои фаротабӣ меорад. Онанро тахаюлан ситоишу парастиш намуда, мутмаин мегардад, ки мушкил ҳал шуданист. Ҷаҳолату нодонӣ намегузорад, ки роҳҳои ақлонии ҳалли мушкил дарёфт гарданд ва табиӣ аст дар ин сурат вуҷуди мушкил аз будаш зиёд ҷилва мекунад ва мардумро вомондаву бадбахт месозад. Нотавониву бадбахтӣ ва нодониву дармондагӣ заминаи хушбовариро барои мардуми бенаво омода месозад. Мардумон ҳар қадар гирифтори мушкил ва ранҷу азоб бошанд, ҳамон қадар таассубияту хурофот боло мегирад. Ба ибораи дигар, нодонӣ ва нотавонӣ дар баробари воқеият, бистари нармест барои тавсеаи таассубу хурофот ва динмадории ҷомеа. Бинобар ин, рӯҳоният, ки хешро донишмандони ин навъи ҷомеа меҳисобанд, бо дониши таҷрибавиву хирадгарой ва озодӣ медиҳад. Инсон бо донистани масоил ва огоҳӣ аз шароит аз ибҳому торикӣ ба шаффофияту рушаной мерасад. Аз қудрати бештаре бархӯрдор ва соҳиби ихтиёру озодӣ мешавад. Ин афроди озоду озодаманишанд, ки миллатҳо ва кишварҳоро дар дарозои таърих ба озодиву истиқлол расонидаанд.

Ҷомеаи нодон, хурофазадаву ҷоҳил дорои озодиву истиқлол буда наметавонад, зеро он тавони ақлонии ҳалли мушкилотро дар ихтиёр надорад. Аз ин рӯ, ночор вобастаи фикрӣ, ақидатӣ, равонӣ ва фарҳангиву иқтисодиву сиёсии дигарон аст. Инсон танҳо дар партави шинохту огоҳӣ аз асорати ҷабру тақдир ва боварҳои маҳдуди хеш раҳо мешавад. Бузургтарин пешрафтҳои ахлоқиву маънавӣ дар ҷомеаҳои инсонӣ аз огоҳӣ ва донишу хирадварзӣ маншаъ гирифтаанд, боиси ба вуҷуд омадани иддае аз рӯшангарони ақидативу сиёсии ҷомеаи инсонӣ шудаанд. Онҳо тавонистаанд барои расидани ҷомеаҳои хеш ба инсонсолориву мардумсолорӣ мардумонашонро савқ бидиҳанд.Онҳоро ба донишмандиву хирадварзӣ роҳнамун созанд ва натиҷатан ба озодиву истиқлоли сиёсиву фарҳангӣ бирасонанд. Барои хиёлу бовар ба ӯ тавзеҳҳои мовароиву қудсӣ додаанд ва ин холигии маърифатии хешро пур кардаанд. Ҳамин аст, ки ҳар қадар ба барбарият меравем, ҳамон қадар афкори хурофотӣ зиёдтар аст ва нодониву ҷаҳл ҳокимият меварзад. Бо пешрафти фарояндҳои илмӣ зина ба зина тавонистааст, башарият падидаҳоро аз дидгоҳи илмӣ дарёбад ва воқеияти онҳоро ошкор созад. Ҳамин аст, ки дидгоҳҳои хурофотӣ ва он падидаҳое ки қаблан ба тарзи хиёлӣ тафсир мешуданд, имрӯз барои онҳо тафсирҳои илмӣ ва воқеӣ вуҷуд дорад ва дигар ҳоҷат нест, ки онҳоро тафсири хиёливу мовароӣ намуд.

Раванди омӯзишҳои илмии инсонӣ идома дорад ва пай дар пай муҳити хурофотиро маърифати илмӣ медиҳад ва он сурати ҳавлноку даҳшатангези падидаҳои зиёдеро, ки қаблан инсон дар хиёлоташ офарида буд, аз ҳиҷоб берун мекашад. Мутмаинем, ки дар давраҳои минбаъда илм ба аксари суолот ва он чӣ барои инсоният маҷҳул ва ношинохтаву тавзеҳи хиёлӣ доранд, посухи илмӣ, воқеӣ ва қонеъкунандаро хоҳад иброз намуд.

Нодонӣ, ҷаҳл, таассуб, хурофот шеваҳои аслии бардасозии асримиёнагианд, ки башариятро дар тӯли қарнҳо дар бехабарӣ ва гирифториву вомондагӣ қарор додаанд. Махсусан чунин шева ба дасти ҳокимони динмеҳвари қарни вусто сахт иртибот дорад. Онон ҳамеша барои мардумонро дар зери нуфузи хеш нигоҳдоштан аз нодониву хурофот ва таассуб истифода намудаанд. Зеро дониш ва хирад ҳамеша барои ҳокимони суистифодакун аз мардумони хурофатзада мояи тарс ва нигаронӣ аст. Онон фикр мекунанд бо рӯшан шудани уфуқҳои зиндагии инсонӣ аз нури хираду дониш бофтаҳои зеҳниву хаёлиашон, ки саробе беш нестанд хурофотро дар ҷомеа тавсеа дода, мардумон мушкил ва масоили пешояндаро на аз назари таҳлилу баррасии воқеъбинона, балки аз роҳи эҳсос, бовар ва тақлид ва амсоли ин мавриди таҳлил қарор медиҳанд.Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки мардумон аз хирадандешӣ фарсаххо ба дур мемонанд ва муҷиби костагиҳои зиёде дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа гардида, дар маҷмуъ як ҷомеаи вомонда таассубзада, гирифтор ва печида ба вуҷуд меояд.

Вақте нодониву таассуб сар то сари ҷомеаро фаро гирифта, ба як ҳолати маъмулӣ табдил меёбад, ин ҷомеа дигар наслҳои пасини хешро низ дар ҳамин руҳия тарбия мекунад.Яъне таассубзадагиву хурофот ба ҳалқаи пайвастаи байни наслҳо табдил хоҳад ёфт, ки ин вазъ метавонад садсолаҳо ва ҳатто бештар аз он мардумонро дар карахтӣ нигоҳ дорад. Ҷомеаи таассубзадаву хурофотӣ ва нодон ҳеҷ гоҳ барои озодӣ, адолат, зиндагии шоиста ва амсоли ин мубориза намебарад. Зеро ин гуна ҷомеа барномаи мушаххаси рушди хешро надорад. Ҳуккоми ин ҷомеа ҳамеша аз таваккул кор гирифта, сарриштаи ҳамаи умурро ба қазову қадар иртибот медиҳанд ва худро аз баргузидагони илоҳӣ медонанд. Равишҳои тахрибии ин омилҳои боздоранда бо мурури замон рӯҳияи мардумро дучори костиҳои фоҷиаангезе кардаанд.

Масъулиятгурезӣ, қонунситезӣ, бебарномагӣ, фурсатталабӣ, дурӯғгӯи, зоҳирсозӣ, истибдодзадагӣ, мардсолорию занситезӣ бархе аз ин камбудҳои ҷомеаи хурофазадаву таассубпеша мебошанд. Ҳар яке аз ин костиҳо ба танҳоӣ метавонанд боиси табоҳӣ ва шикасту нобудии миллатҳо шавад. Бинобар ин, қобили дарк аст дар маҷмӯъ нодонӣ, таассубу хурофот фоҷиаофарин, боздоранда ва ислоҳот дар ситезанд ва ин ҳолат табиист, ки сабаби кундии рушду тавсияи иқтисодиву беҳбуди вазъи молии мардум мегарданд. Мардумони нодону ноогоҳ ва бехабар аз ҳаққу ҳуқуқи хеш дифо карда наметавонанд ва ҳамин аст, ки нобаробариву ноадолатӣ дар ин навъи ҷомеа бедод мекунад. Дар ҷомеаи нобаробар ва беадолат мардумонаш маҷбуранд барои баровардa кардани ниёзҳои аввалаи хеш аз роҳҳои дурӯғ гуфтан, чоплусӣ, ришва додан ва амсоли ин истифода намоянд. Мушкилоти зикргардидаи иҷтимоӣ решаҳои иҷтимоӣ доранд ва дар тӯли солиёни дароз шакл гирифта, рушд намуда, то ба марҳилаи имрӯзӣ расидаанд.

Роҳи асосии бурунрафт аз ин мушкилӣ огоҳӣ ва шинохти дурусти мушкил аст. Аз тарафи дигар тавсеаи донишу хирадварзӣ ва инсонгароиву мардумсолорӣ.

Ҳушёрӣ ва эҳсоси дарди ниёзҳои мардум ва костиҳои ҷомеа боиси бедории инсон ва ташхиси ниёз ба огоҳӣ аст. Огоҳӣ шинохтро ба вуҷуд меоварад ва ин ду омил бо ҳам созандаи нухбагон ва зояндаи масъулияту ҳаракат мебошанд. Ин раванд барои ҳама афроди ҷомеа вуҷуд надорад ва ба худи худ ва бевосита низ ба вуҷуд намеояд, балки ниёз ба раҳнамоӣ ва ёрӣ дорад. Ин роҳнамоиву ёрӣ танҳо аз уҳдаи нухбагон бармеояд ва вазифаю масъулияти онон ба мардум ва ҷомеа мебошанд. Ва ҳаминҳоянд, ки зангҳои огоҳонандаи зеҳни одамианд. Зоти худро дар интиқоли огоҳӣ, ногузир меёбанд. Таҳаққуқи иродаи одамӣ дар гарави огоҳӣ аст ва ҳамин огоҳонанд, ки ба интизом ва густариш ва огоҳии дигарон мепардозанд ва ин огоҳӣ аз гунаи шинохт ва огоҳии таърихиву табақотӣ аст.

Донишу огоҳӣ ва хирадварзӣ қудрат мебахшанд. Қудрат ихтиёр раҳоӣ аз нобаробарӣ, табъизи динӣ, ақидатӣ, нажодӣ, миллӣ ва маҳаллӣ мардумони хешро раҳоӣ бахшанд ва барқарории як ҷомеаи боз, қонунманд пӯё ва масъулиятпазирро ба вуҷуд оваранд. Онҳо бо интиқод аз тарзи идоракунии асри миёнагӣ, рад кардани арзишҳои суннатие, ки монеи рушданд, тавонистаанд арзишҳои навинро барои ҷомеаҳои хеш ба миён оваранд, то тавонанд барои рушди бемайлони кишварҳояшон заминаи асосиро гузоранд. Ин навъ нухбагони фарҳангиву сиёсӣ тавонистаанд бо аз худ гузаштан ва зиндагиашонро вақфи тарбияти шаҳрвандони масъул, хирадгаро ва пӯё намудан, барои барпо кардани ҷомеаи муносиб, баробар ва устувор бар арзишҳои инсонӣ кору амали хешро равона созанд. Ҷомеаҳое, ки бошандагони он ба огоҳӣ расидаанд мушкили иҷтимоиашон камтар аст. Зеро онҳо мутмаинанд, ки танҳо аз роҳи илму дониш ва хирад мушкилро метавон ҳал кард. Ҳамин аст, ки барои ҳалли ҳар мушкилӣ фаннеро ва тахассусеро муқаррар кардаанд. Онҳо омилу сабаби мушкилро дар худу ҷомеаҳои худ меҷӯянд на аз моваро. Интизор надоранд, ки каси дигаре меояд ва барояшон ҳамаро ислоҳ хоҳад кард. Интизори ҳеҷ муъҷизае нестанд. Муъҷиза танҳо дар амалкардҳои огоҳонаву оқилонаашон аст, на чизи дигаре. Барои ҷомеаи мо низ танҳо аз роҳи огоҳӣ ва хирдварзиву мардумсолорӣ, пайваста мушаххас кардани мушкилоти иҷтимоӣ, сабабу омилҳои он ва роҳҳои воқеӣилмии бурунрафт аз ин навъи мушкилу гирифторӣ метавонем онро ба сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш бибарем.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи**
**фанҳои гуманитарӣ**



## ПЕРИСТЕР АВВАЛИН ОСОРХОНАИ ЗЕРИОБӢ

Дар Юнон дар мавзеи қадимаи киштии ғарқшуда, назди ҷазираи хурди беодам Перистер, на чандон дуртар аз ҷазираи Алонисос, аввалин осорхонаи зериобӣ ифтитоҳ гардид.

Археологҳо чунин меҳисобанд, ки киштии калони тиҷоратии Афина, ки аз 3000 то 4000 кӯзаи виноро аз Халкидики қисми шимолии Юнон интиқол медод, ҳангоми тӯфон дар назди Перистер тахминан соли 425 то эраи мо ғарқ шудааст. Анқариб ҳамаи кӯзаҳоро, ки дастнозада монда буданд, соли 1985 моҳигире аз Алонисос пайдо намуд.

Осорхонаи Перистер аз 3 август то 2 октябри соли равон барои дайверҳое, ки сертификат доранд, ифтитоҳ гардид. Барои дигарон саёҳат дар маҳали қадимаи киштии ғарқшуда дар маркази иттилоотии ҷазираи Алонисос, иҷозат дода мешавад.

**Таҳияи Барноз Раҳмоншоева**

## САРВАТМАНДТАРИН АДВОКАТҲОИ ҶАҲОН

**Баъзе адвокатҳо ба воситаи хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва шахсони сарватманди дунё табдил ёфтаанд. Яке аз меъёрҳои муваффақияти ҷаҳонии адвокат дороӣ ва маъруф будан миёни аҳолӣ мебошад. Мо тасмим гирифтем, ки барои хонандаи азиз чанд адвокати муваффақ ва сарватмандро муаррифӣ намоем:**

***1.Ҷо Ҷамели дороиаш 1,5 миллиард доллар:***

Ҳуқуқшиноси ливанитабори Техас (ИМА) Ҷо Ҷамели қисми зиёди дороии худро аз парвандаи Penzoil vc ба даст овардааст. Ин баҳси шаҳрвандӣ дар таърихи ИМА бузургтарин мебошад, ки суд ҷубронпулиро дар ҳаҷми 10 миллиард доллар муайян намудааст. Аз ин қазия Ҷо 335 миллион доллар гонорар гирифт.

***2.Уилиам Лерак 900 миллион доллар:***

Ин адвокат карераи худро аз даъвоҳои коллективӣ ба корпоратсияҳои бузург оғоз намудааст. Машҳуртарин мурофиаи судии ӯ даъвои сармоягузорон нисбат ба ширкати энергетикии "Enron" буд, ки бо истифода аз нақшаҳои ғайриқонунӣ зарарро рӯйпӯш мекарданд. Лерак дар ин мурофиа ғолиб баромада, 7,12 миллиард доллар ҷуброни зарар гирифт.

**Таҳияи М. Ҷӯраев**

## 30 ҲАЗОР ГӮСФАНД АРЗИШИ ЯК КИТОБ

Китоби "Апокалипсис", ки матнаш рӯи коғази тунук – пергамент (пӯсти ҳайвонот, ки ба таври махсус коркардшуда, то пайдоиши коғаз барои хатнависӣ истифода мешуд) навишта шудааст, яке аз нодиртарин ва арзишмандтарин китоб дар олам эътироф гардидааст. Барои истеҳсоли пергаменти олидараҷа бо ибтикори ношири сарватманд Ҷозеф Форе зиёда аз 30 ҳазор гӯсфанд забҳ шуда, ҷиҳати мураттаб ва саҳифабандии китоб бошад, 14 рассоми барҷастаи фаронсавӣ заҳмат кашидаанд. Матни китоб аз 500 ҳарфи муқаддимавии тиллоӣ ва 93 ҳазор каллиграфӣ (хушнавис) омода гардида, аз соли 1960 то ин дам дар осорхонаи санъати муосири Франсия ҳамчун дастоварди беназир маҳфуз аст. Ин китоб намунаи барҷастаи санъати бадеӣ буда, арзишаш ба чандин миллион франк баробар аст.

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

## БОТКИН

Дар Академияи ҳарбӣ – тиббии Петербург яке аз шунавандаҳо бори сеюм ҳам аз духтури терапевт Сергей Петрович Боткин баҳои "2" гирифта баромад. Баъди чанд дақиқа як гурӯҳ донишҷӯён шитобзада назди профессор даромаданд ва арз карданд, ки ҳамдарсашон ин бори нангинро бардошта натавониста, бо корд худкушӣ дорад.

Боткин, ки табиатан ором буд, сар аз болои дафтари қайдҳо бардошт ва ба шогирдон чунин гуфт:

- Ташвиш набошед, ҳамкурси шумо то ҳадде танбал аст, ки ҳатто, дар куҷои бадан қарор доштани дилро намедонад, то кордро рост ба он халонаду ҷонаш аз ман халос шавад.

**Таҳияи Фараҳзод Қурбоналӣ**

## СИНГАПУР

**қонунҳои ғайриодӣ**

Дар Сингапур харидани сақич комилан манъ аст. Он дар фурӯш ҳам нест. Аммо мабодо ҳангоми истифодааш ба дасти полис афтед, шуморо 500 доллар ҷарима ва ё зиндон интизор аст. Ифлос кардани кӯчаю паскӯчаҳо ва хӯрондани паранда низ ҷавобгарӣ дорад. Дар кӯча баъд аз соати 22:00 як ҷо ҷамъ омадани беш аз 2 нафар мамнӯъ аст. Агар ин қоидаро вайрон кунед, худро дар идораи полис пайдо менамоед. Маҳз бо чунин қонунҳои қатъӣ ва ҷазоҳои сахт барои ҳуқуқвайронкуниҳои ба назар ночиз Сингапур тавонист дар кӯтоҳтарин вақт дар ҷаҳон машҳур гардад.

**Таҳияи Оҳистамоҳи Вафобек**

## ТОМАС КУК

**Ба аҳди 28 сол пеш кардааш содиқ монд**

Томас Кук, сокини шаҳри Меномони иёлати Висконсии ИМА, ба аҳде, ки 28 сол қабл ба рафиқаш баста буд, содиқ монд. Онҳо ваъда дода буданд, ки агар якеашон дар лотерея бурд намояд, онро ду тақсим менамоянд. Бо амри тақдир Томас дар лотерея ҷекпотро бо маблағи 22 миллион доллар бурд мекунад ва аҳде, ки бо дӯсташ Ҷозеф Фини соли 1992 баста буд ба хотир оварда, зуд ба рафиқаш занг зада, ӯро аз бурди калонаш хабардор месозад. Дӯсташ ба ёд меорад: "Вақте Томас ба ман занг зада хушхабарро расонд, ба ӯ гуфтам, оё маро масхара мекунӣ? Ӯ гуфт, ки ин ҳақиқат аст ва метавонӣ омада ҳаққатро бигирӣ". Алҳол дӯстон нафақахӯранд. Онҳо мегӯянд, ки ин бурд ба онҳо имкон медиҳад, то вақти зиёдашонро дар ҳалқаи оила гузаронанд ва зиндагии шоистаи онҳоро таъмин намоянд.

**Таҳияи Сайфулло Ашуров**

## СИРРИ "АБАДАН ҶАВОН" МОНДАНИ МАРДИ 53 – СОЛА



Эдсон Брандао аз Нидерланд ба нашрияи Unilad гуфтааст, ки чӣ тавр ӯ тавонистааст дар 53- солагӣ чанд даҳсола ҷавонтар намояд.

"Одамон замоне мефаҳманд, ки ман 53 сол дорам, ҳайратзада мегарданд. Ҳамаи онҳо гумон мекунанд, ки ман 25 – солаам"- иқрор мешавад Эдсон.

Брандао тасдиқ менамояд, ки ҳеҷ гоҳ барои ҷарроҳии пластикӣ ба касе рӯ наовардааст. Симои зоҳирии ӯ натиҷаи тарзи ҳаёти солим мебошад.

Вай парҳези махсусро риоя мекунад: хӯрокҳои бирёну консервшуда, ҳамчунин, қандро истеъмол наменамояд.

Мард ҳамаи инро якҷо бо тамринҳои тавонбахш ҳамсон медонад. Аз нӯшокиҳо ӯ нӯшидани оби минералиро афзал медонад ва ҳар рӯз то 2 литр об менӯшад. Брандао, инчунин ёдовар мешавад, ки ҳеҷ гоҳ дар ҳаёташ на сигор кашидаасту на машрубот истеъмол намудааст.

**Таҳияи Раҷабалӣ Исматуллоев**

## САРБОЗИ "ҲАЛОКШУДА"

**Баъди 20 сол ба хона баргашт**

Соли 1975 ҳангоми ҷанг дар Камбоҷа як сарбози ветнамӣ чунон захми вазнин бардошт, ки ӯро мурда пиндоштанд. Вай дар лазарет мехобид, кӣ буданашро дар ёд надошт. Падараш нома гирифт, ки фарзанди ӯ дар ҷанг қаҳрамонона ҳалок шудааст. Вале сарбози "кушташуда" ҳеҷ ба мурдан тан намедод. Баъди ба по хестан, саросари Ветнамро қадам зад. Орзуи ягонааш ҳамин буд, ки рӯзе хотирааш барқарор мегардад. Боре қаландарвор ба зодгоҳаш ворид гашт, вале деҳаро нашинохт. Аммо ӯро рафиқони бачагиаш шинохта, ба назди модараш оварданд. Вақте ки модари 72- сола ба гардани писараш дастонашро ҳалқа баст, хотираи сарбоз ҳамон лаҳза – баъди гузашти 20 сол барқарор шуд.

**Қурбон Мадаллиев, тарҷума аз русӣ**

## ЛОМБАРД – СТРИТ

**Кӯчаи аз ҳама каҷ**



Кӯчаи аз ҳама каҷ бо номи Ломбард – стрит дар шаҳри Сан – Франсискои ИМА воқеъ мебошад. Ломбард яке аз кӯчаҳои машҳуртарини ин шаҳр аст. Дарозии кӯча 400 метр ва нишебаш 27 дарсадро ташкил медиҳад. Дар Ломбард-стрит суръати ҳаракат то 8 километр дар як соат муайян шудааст. Он ҳаракати яктарафа, аз боло ба поён дорад, ки дорои 8 гардиш мебошад.

**Таҳияи Матлубаи Абдуқаҳҳор**

## ПИРОҲАНИ ШОҲДУХТАР ДИАНА 510 000 ЕВРО

Дар музоядае, ки сару либоси шоҳдухтар Диана ба намоиш гузошта шуданд, пироҳани кабуди балхие, ки мӯдсоз Виктор Эделштейн омода карда буд, гаронарзиштарин эътироф гардид. Шоҳдухтар бо ин курта дар ҷамъомаде, ки дар Қасри сафед баргузор гардида буд, бо ҳунарманд Ҷон Траволта рақсидааст. Маҳз ҳамин пироҳани иқболовар дар музояда ба маблағи 510 000 евро ба фурӯш рафт.

**Таҳияи Сафаргул Алимова**

## ГАНДӢ

Ман метавонам бад, хуб, хоин, вафодор, фариштахӯ ё шайтонсифат бошам. Ман метавонам туро дӯст дорам ё ба ту нафрат дошта бошам. Ман метавонам сукут кунам, нодон ё доно бошам, чунки як инсонам ва ин сифот низ инсонист ва ту ҳам дар ёд дошта бош, ман набояд он чунон бошам, ки ту меҳоҳӣ.

Ман худро аз худам сохтаам. Туро дигаре бояд бароят бисозад.

Ва ту ҳам дар ёд дошта бош. Мане, ки ман аз худ сохтаам, омоли ман аст. Туе, ки ту аз ман месозӣ орзуҳо ё камбудиҳоят ҳастанд.

Лаёқати инсонҳо кайфияти зиндагиро таъйин мекунад, на орзуҳояшон .

Ман ухдадор нестам, ки чизе бошам, ки ту меҳоҳӣ ва ту ҳам метавонӣ интихоб кунӣ, ки маро меҳоҳӣ ё не.

Вале наметавонӣ интихоб кунӣ, ки аз ман чӣ меҳоҳӣ.

Метавонӣ дӯстам дошта бошӣ, ҳамин гуна, ки ҳастам ва ҳам метавонӣ ба ман нафрат дошта бошӣ, бе ҳеҷ далеле ва ман ҳам.

Ҷаро, ки мо ҳар ду инсонем.

Ин ҷаҳон мамлу аз инсонҳост.

**Таҳияи Нигина Раҳмон**

## ФАРИШТАИ ШИМОЛ

**Ёдгории ғайриодии олам**

Дар ҷаҳон на танҳо ёдгориҳои бешумори машҳуру қадимӣ, классикӣ ва замони муосир мавҷуданд, балки ёдгориҳои ғайриодие низ ҳастанд, ки фаромӯш карданашон номумкин аст. Мӯд барои ҳайкалҳои аслӣ аҷибу шӯхиомез дар охири асри XX пайдо шудааст.

**Фариштаи шимол**

Соли 1998 дар шаҳри Гейтсхеди Англия бо номи "Фариштаи шимол"як ҳайкали ғайриодӣ пайдо шуд. Ин амали рассом Энтони Гормли мебошад, ки бо муносибати ғайримуқаррарӣ ба кори худ, ҳатто берун аз Британиё маълум аст. Ҳайкали бистметраи пӯлодӣ фариштаест, ки болҳои худро барои парвоз боз кардааст. Вазни он тақрибан 208 тонна мебошад, аммо қисми асосӣ – таҳкурсии бетонӣ зери замин пинҳон аст . Бо назардошти шамолҳои сахт дар ин минтақа, таҳкурсиаш барои сад сол мавҷудият доштани муҷассама пешбинӣ шудааст. Болҳои кушодаи муҷассама ба 54 метр баробар аст. Аммо вай назар ба фаришта каме ба киборг монандтар аст.

**Аз русӣ тарҷумаи Наргис Атоева**

## КОРОНАВИРУС

### хоҳаронро ба дидори ҳам расонд

Дар иёлати Небраскаи ИМА бемории коронавирус сабаб шуду ду хоҳари ҳамхун баъд аз 53 соли ҷудоӣ якдигарро пайдо намуданд.

Дорис Криппени 73 – соларо дасташ мешиканаду ӯро ба шифохона мебаранд. Баъди ташхис маълум мешавад, ки ба бемории коронавирус низ гирифтор аст. Дорисро баъд аз сӣ рӯзи муолиҷа, ба маркази мутобиқгардонии шаҳри Фремонт мефиристанд ва маҳз дар он ҷо бо хоҳараш Бев Бор (як падару модарашон дигар) вомехӯранд.

Бев дар марказ кор мекард ва чун дар рӯйхат насаби Криппенро мебинад, дарҳол пай мебарад, ки хоҳараш аст. Азбаски гӯшҳои Дорис дуруст намешуниданд, Бев барои исбот номи падарашонро дар тахта навишт ва Дорис онро хонда тасдиқ намуд. Ҳамин тавр, баъд аз 53 соли ҷудоӣ хоҳарон ба дидори ҳамдигар расиданд.

"Меҳрубонии Парвардигор аст, ки ба ин марказ омада, хоҳарамро ёфтам. Агар бемор намешудаму ин ҷо намеомадам, шояд хоҳарамро ҳеҷ гоҳ намедидам", - мегӯяд Дорис.

**Таҳияи Сайфулло Ашуров**

## ДАСТПӮШАКИ МАЙКЛ ҶЕКСОН- 350000 ДОЛЛАРИ ИМА



**Овозхони маъруфи амрикоӣ зиндаёд Майкл Ҷексон соли 1983 аввалин бор рақси "Шабгард"- ро бо либоси сиёҳ ва дастпӯшаки сафед иҷро намуда, оламиёнро ба ҳайрат оварда буд.**

Чанде пеш ҳамин дастпӯшак дар музояда гузошта шуд. Чуноне иттилоъ дода мешавад, онро яке аз мухлисони ӯ сокини Ҳонконг Ҳоффман Ма ба маблағи 350 000 доллари ИМА меҳарад.

**Таҳияи Сафаргул Алимова**

## БАХТИ ГЛОРИЯ МАККЕНЗИ ОМАД КАРД

18 майи соли 2013 бахт ба рӯи сокини 84- солаи шаҳри Зеферҳиллси иёлати Флоридаи ИМА Глория Маккензи хандид, зеро лотереяи ӯ 370,8 миллион доллар бурд кард.

Тавре Глория мегӯяд, ин амри тақдир аст, чунки ҳангоми харидани лотерея марди дар пеш истода навбаташро ба ӯ дода буд.

Глория, тақрибан, 2 миллион долларро барои таъмири мактаби духтараш, ки дар он ҷо фаъолият дорад, бахшид. Инчунин, хонаи хурди худро ба як ҳавлии боҳашамат, ки 1,2 миллион доллар арзиш дорад, иваз кард.

**Аз русӣ тарҷумаи Наргис Атоева**



Илму дониш нишондиҳандаи асосии дараҷаи инкишофи хар як давлату миллат буда, ба раванди рушди нерӯи инсонӣ робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати мамлакат, бахусус Роҳбари давлат бо мақсади бунёди оянадаи дурахшон тамоми соҳторҳои илму маориф ва умуман, муассисаҳои иҷтимоиро вазифадор намуданд, ки дар баробари илмҳои гуманитарӣ ба таълими илмҳои табииву риёзӣ зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва мафкураи техникии насли наврасро қавӣ гардонанд.

Дар робита ба ин, Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида, ба масъалаи омода намудани мутахассисони баландихтисос ва тайёр кардани олимони ҷавон диққати зарурӣ медиҳад.

Дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгох, ки 24-уми август баргузор гардид, ба 4 нафар олимони ҷавон – Холиков Музаффар, Рахимов Музаффар, Бобиев Олимҷон ва Рашидова Дилбархон, ки бомуваффақият рисолаҳои номзадӣ химоя карда буданд, шаҳодатномаҳои дараҷаи номзади илм ва ба омӯзгорон Сатторов Абдурасул ва Рабиева Тахмина шаҳодатномаҳои унвони дотсентӣ супорида шуд.

# ОЁ МЕДОНЕД?

Муш ва харгӯш дар як шабонарӯз то бист маротиба хоб мекунанд. Баъзе навъҳои муши паррон дар як сол 320 рӯз мехобанд.

***

Нуздаҳ дарёи Россия дарозии зиёда аз 2000 километр ва 26-тоашон дарозии зиёда аз 1000 километр доранд. Калонтарини онҳо дарёи Амур (дарозиаш 4444 км), Лена (4400 км), Енисей (4092 км), Об (3650 км), Волга (3135 км) ва Днепр (2201 км) аст. Дарозии умумии дарёҳои Россия 9 миллиону 648 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии сарфаи яксолаи об 4350 километри мукааб аст, ки ин 11,2 фоизи ҳаҷми сарфаи оби дарёҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад.

***

Грим Белл якумин одаме буд, ки соли 1876 бо телефон гап зад.

***

Олимон тахмин кардаанд, ки 3 соли умри одам дар бастани бандҳои пойафзол мегузарад.

***

Занбӯр 2 меъда дорад, яке барои асал дигаре барои хӯрок.

***

Шаршараи баландтарини ҷаҳон Анхел (дар Венесуэлаи Америкаи Ҷанубӣ) буда, 979 метр баландӣ дорад ва дар шохоби дарёи Каррао мерезад. Лётчики амрикоӣ Ҷ.Анхел соли 1935 ҳангоми ҷустуҷӯи тиллою алмос шаршараи Анхелро кашф кард.

***

Кӯли Гусгупдак (дар Ҷумҳурии Туркия) аз ҳама кӯли шӯртарини ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар як литр оби он 368 грамм намак вуҷуд дорад.

***

Аз ҳама ҳайвони овозбаланд кит аст, ки аз дурии 800 км овозашро шунидан мумкин.

***

Кӯли Байкал (чуқурияш 1620 метр) чуқуртарин кӯли ҷаҳон мебошад. Дарозии кӯл 636 километр, бараш 79 км ва миқдори обаш 23 000 километри мукааб аст.

# ЛУТФИ НОЗУК

Марде дар ошхона нишаста буд. Пиру кампире ҳам ворид шуданд. Маълум буд, ки шароити хуб надоштанд. Мард ба пиру кампир таваҷҷуҳ мекард. Кампир ба шавҳараш гуфт: Дилам ош мехоҳад, ба андозаи ош пул дорӣ?

Мӯйсафед гуфт: Ин маротиб танҳо шӯрбо хӯрем, маротиби дигар хатман ош хохем хӯрд. Ҳоло пули ошро надорам.

Марде, ки дар наздикии онҳо нишаста буд ва суханронихои пиру кампир ба гӯшаш мерасид, хеле ғамгин гашт. Сипас телефонашро аз ҷайбаш баровард ва каме суханронӣ кард. Баъд телефонро ба рӯи миз гузошту бо овози баланд гуфт:

- Барои ҳамаи нишастагон аз ҳисоби ман ош тақсим шавад. Ман фарзанддор шудам.

Ба пиру кампир ҳам ош оварда шуд ва онҳо низ нӯши ҷон карданд. Дуои хайр доданд. Ин ҳолатро марди дигаре ҳам назорат мекард.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Рӯзе нафари савумин марди ошдақсимкунро бо ду фарзанди калонсолаш мебинад. Наздаш меравад ва мегӯяд:

-Ту чанд рӯз пеш дар ошхона барои соҳиби фарзанд шуданат ош тақсим кардӣ, аммо мебинам, ки фарзандони калон дорӣ.

Мард гуфт: Аҳвол ва суханронии пиру кампирро шунидам. Агар танҳо ба онҳо ош мегирифтам, шояд ба иззати нафсашон мерасидаму онҳоро ғамгин месохтам. Ба хотири наранҷидани онҳо барои тамоми нишастагон ош тақсим кардам.

Дар тақсимоти садақа бояд чунон рафтор кард, ки ба иззати нафси дигаре нарасид. Садақа барои шод кардан аст, на барои ғамгин сохтан.

## ПАНДИ СУДМАНДИ ҲАКИМ

Ҳакиме дар як коғази сафед бо ранги сиёҳ нуқтаи калоне гузошт ва ба шогирдонаш нишон дода пурсид:

-Шумо чиро мебинед?

Шогирдонаш гуфтанд:

-Нуқтаи сиёҳро.

Ҳаким гуфт:

-Дидед, ки шумо чашматон дарҳол ба нуқтаи сиёҳ афтод, аммо сафедии коғазро надидед...

Мо дар инсон низ дарҳол айбу нуқси ӯро, ки мисли ҳамин нуқтаи сиёҳ аст, мебинем !Аммо, хубиву хислатҳои неки ӯро, ки мисли сафедии коғаз зиёд аст, мо намебинем ё бинем низ нодида мегирем. Барои ҳамин, хуб нест, ки барои андаке сиёҳӣ, сафедиҳои ӯро фаромӯш карда, бекадру беэҳтиромӣ созем!

## ДАРСИ АДАБ

Рӯзе духтарак аз падараш пурсид:

-Падарҷон, агар ман нафареро хеле дӯст бидорам, аммо ӯ пайваста як кори баде анҷом диҳад, ман бояд чӣ кор кунам?

Падар ҷавоб дод:

- Бояд ба ӯ бигӯӣ, ки ин кори хубе нест, онро накун.

Боз пурсид:

- Агар гуфта натавонам-чӣ?

Падар гуфт:

- Хуб, дар як порча коғаз бинавис ва дар ҷайбаш гузор.

Субҳ, ки мард барои рафтан ба кор омода мешуд, аз ҷайбаш порчаи коғазе ёфт, ки дар он чунин навиштае буд:

«Салом падарҷон. Сигор кашидан кори хубе нест, лутфан ин корро накунед».



# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

**Шавед садсолаю дарде**
**набинед,**
**Зи умри хушгузар гарде**
**набинед.**
**Зи умри хушгузар, эй гул**
**ба домон,**
**Ба сад соли дигар дарде**
**набинед.**

Раёсати донишгоҳ ва ҳайати омӯзгорони кафедраи забони тоҷикӣ омӯзгори пуртаҷриба Турсунова Мақсад Умаровнаро ба муносибати 70- солагиашон самимона табрику таҳият намуда, барояшон саломатии бардавом, хушбахтӣ, сарбаландӣ ва дар ҷодаи пурзаҳмати омӯзгорӣ барору комёбӣ таманно доранд.

## ҲАМДАРДӢ

Раёсат ва ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон нисбати вафоти омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ, генерал – майор

**УСМОНОВ ИСЛОМ ДИЛОВАРОВИЧ**

андуҳгин буда, ба наздикон ва пайвандони марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Раёсат, ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ҳайати омӯзгорону хонандагони Литсейи инноватсионии "Душанбе" ба директори литсей Одинаева Одинамо Зубайдовна нисбати даргузашти

**БАРОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён карда, ба ӯ ва наздикону пайвандонаш аз Худои мутаол сабри ҷамил хоҳонанд.

Раёсат ва ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз марги профессори кафедраи ҷомеашиносӣ, доктори илмҳои фалсафа

**САМИЕВ АБДУСАМАД**

андуҳгин буда, ба наздикон ва пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

**САРМУҲАРРИР:**

Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1500 нусха.*